# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-030 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ» (Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

1. Муҳимияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ ва истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ истифода намуд. Инчунин, метавонад сатҳи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботиро дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар асоси тарҳи пешниҳодшуда таъмин намояд.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо протоколи №5 аз 27.06.2022 барои ҳимоя тавсия шудааст.

Хулосаи шуъба баҳои мусбии воқеию ҳамаҷонибаи диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсия консепсияи интихоби оптималии усулҳои истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ ба миён гузошта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботиро дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакон дар раванди таълими томактабӣ, зарурати баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ-иртиботии омӯзгор, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим бо истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар самтҳои

назорати дониш, семинарҳои лабораторӣ, аёният дар машғулиятҳо, худомӯзӣ ба миён орад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ» (Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Тоҷикистон) ихтисоси ба шиносномаи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ), банди 6 - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Ёров Акмал Боронович тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ» барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии Бохтар**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Юнусова Нафиса Муродовна -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**- Бобохонова Ситора** – номзади илмҳои педагогӣ, директори Филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи шаҳри Душанбе таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
ходими пешбари илмӣ — Гулмадов Ф.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент — Иззатова М.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Обидова М.

08.10.2022

Имзои Гулмадов Ф., Иззатова М.,
Обидова М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ АТТ — Ҳакимова Х.